*Ба Шурои диссертатсионии*
*6D.КОА-012 назди Донишгоҳи*
*давлатии тиҷорати Тоҷикистон*

## *ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ*

***ба диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.***

### 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Кадрҳо як ҷузъи ҷудонашаванд, омили тағдирсози ҳар як корхона аст ва худи корхона ҳамкории мутақобилаи одамонест, ки бо ҳадафҳои умумӣ муттаҳид шудаанд. Идоракунии кадрҳо, инчунин дар маҷмӯъ корхона ҷузъи зарурии ин ҳамкорӣ мебошад. Барои фаъолияти самарабахш ба корхона системаи мукаммали кор бо кадрҳо зарур аст, ки он имкон медиҳад, ки аз лаҳзаи ба кор қабул шуданашон то охири корашон идора карда шаванд. Ҳалли босаводонаи ин масъала аз бисёр ҷиҳат ба сиёсати кадрии роҳбарият, ки ҷузъи асосии фаъолияти идоракунӣ ва сиёсати истеҳсолии ташкилот мебошад, вобаста аст.

Фаъолияти муташаккилонаи савдои чакана истисно нест, ки дар системаи идоракунии кадрҳо шумораи кофии мушкилот вуҷуд дорад, ки бояд ҳал карда шаванд. Аз ин ру, муайян ва таҳлили проблемаҳои сиёсати кадрии савдои чакана ва ҷустуҷӯи роҳҳои такмили он масъалаи хеле актуалӣ мебошад. Муҳимияти мавзӯи таҳқиқот аз он иборат аст, ки таъминоти кадрӣ ва идоракунии онҳо яке аз самтҳои муҳимтарини ҳаёти корхона мебошад, ки метавонад самаранокии ин соҳаро хеле баланд бардорад. Моҳияти идоракунии кадрҳо дар он аст, ки муносибатҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-психологӣ ва ҳуқуқии субъект ва объекти идоракунӣ муқаррар карда мешаванд. Ин муносибатҳо ба принсипҳо,

усулҳо ва шаклҳои таъсиррасонӣ ба манфиатҳо, рафтор ва фаъолияти кормандон бо мақсади ба ҳадди аксар истифода бурдани онҳо асос ёфтаанд. Идоракунии кадрҳо дар системаи идоракунии ташкилот мавқеи пешбарандаро ишғол мекунад. Соҳаи идоракунии кадрҳо бо мавҷудияти як дастгоҳи мушаххаси консептуалӣ, хусусиятҳои фарқкунанда ва нишондиҳандаҳои фаъолият, расму усулҳои махсус - аттестатсия, таҷриба, усулҳои омӯзиш ва самти тахлили мазмуни мехнати категорияҳои гуногуни кадрҳо ва ғайра тавсиф карда мешавад;. Моҳияти идоракунии кадрҳо аз он иборат аст, ки иқтидори кадрии ташкилот то ҳадди имкон самаранок истифода шавад. Ин сиёсати дуруст андешидашудаи кадрҳоро талаб мекунад. Сиёсати хуб андешидашудаи кадрӣ як навъ кафолати шукуфоии ширкат аст - одамон кӯшиш мекунанд, ки вазифаҳои ба зиммаашон гузошташударо иҷро кунанд, ивазшавии кадрҳо кам мешавад ва ба ин далел, самаранокии кор меафзояд.

Савдо дар айни замон яке аз соҳаҳои аз ҳама бештар талабкунандаи шуғлнокӣ мебошад. Мусаллам аст, ки таъминоти кадрии ин соҳаи ҳаётан муҳим мубрам будани пажуҳиш ва таҳқиқи диссертатсияи мазкурро таҷассум менамояд.

Аз ин ҷост, ки муаллиф мураккабии ҳалли масоил вобаста ба таъмини кадрии савдои чакана, зарурати таҳияи асосҳои консептуалӣ, такмили равишҳои назариявӣ ва методӣ ҷиҳати асоснокгардонии стратегияи ташаккули низоми таъмини кадрии субъектҳои савдои чакана мубрам будани мавзӯи диссертатсияро муайян намудааст.

Муаллиф дар диссертатсия хеле хуб зикр намудааст "....рушди босуботи савдои чакана ҳамчун зернизоми муҳимми соҳаи савдо барои дурнамо ва ноил шудан ба ҳадафҳои иҷтимоию иқтисодии он, дар қатори дигар омилҳои таъсиррасон, аз бисёр ҷиҳат аз таъминнокии соҳа бо кадрҳои салоҳиятнок вобастагӣ дорад. Қайд карда шудааст, ки ташаккули низоми самараноки таъмини кадрӣ ҳамчун заминаи татбиқи стратегияи

рушди иқтидори кадрии савдои чакана имконият фароҳам меорад, ки самтҳои дарозмуддати рушди онҳо муайян шаванд, ҳадафҳо аниқ ва роҳҳои ноилшавӣ ба онҳо муқаррар гарданд. Ҳамаи ин тадбирҳо самаранокии соҳаи савдои чаканаро дар самти амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмин ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаи устувор мегузоранд".

Ба андешаи мо, мураккабии ҳалли масоил вобаста ба таъмини кадрии савдои чакана, зарурати таҳияи асосҳои консептуалӣ, такмили равишҳои назариявӣ ва методӣ ҷиҳати асоснокгардонии стратегияи ташаккули низоми таъмини кадрии субъектҳои савдои чакана мубрам будани мавзӯи диссертатсияро муайян менамоянд.

Бо дарназардошти андешаҳои болозикр, интихоби мавзуъ, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич, ки меҳвари асосии онро омӯзиши таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

**2. Мутобиқати диссертатсия ва ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**

Мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад:

-асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра);

-масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ;

-ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва

самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат;

-масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон;

-таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**

Навгонии илмии диссертатсия аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас дар самти таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ ва тавсияҳои амалӣ доир ба баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва истифодаи оқилонаи кадрҳо дар субъектҳои бахши савдои чакана зоҳир мегардад.

Таҳлили диссертатсияи тақризшаванда нишон дод, ки натиҷаҳое, ки дар он пешниҳод шудаанд, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз гузориш ва ҳалли маҷмӯи вазифаҳои мушаххас оид ба васеъ намудани донишҳои илмӣ дар самти рушди иқтидори кадрии субъектҳои савдои чакана дар шароити муосир иборат аст.

Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалии диссертатсия, ки дорои навгониҳои илмӣ мебошанд, пешниҳод мешавад:

Дар диссертатсия нақш ва аҳамияти рушди савдои чакана ҳамчун субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир мушаххас гардонида шудааст. Бо дарназардошти тағйирёбии вазъи бозори истеъмолӣ дар бисёр самтҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор нарасидани кадрҳои баландихтисос мушоҳида мешавад. Дар робита ба ин, омӯзиши масъалаҳои иқтидори кадрии субъектҳои савдо дар шароити муосир ҳам аз назари илмӣ ва ҳам амалӣ мубрам мебошад. Бояд тазаккур

дод, ки дараҷаи рушд ва рақобатпазирии субъектҳои савдо бо роҳи ташаккули низоми идоракунии самаранок тавассусти ҷалби кормандон ва идоракунии сифати кормандон дар ҳама зинаҳои ташкилӣ таъмин мегардад(с.15).

Дар диссертатсия исбот гардидааст, ки яке аз омилҳои муҳимтарини рушди савдои чакана таъмини он бо кадрҳо ва категорияҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи таҳқиқот дар ин самт муайян гардидааст, ки меҳнат дар соҳаи савдои чакана дорои хусусиятҳои хос доро мебошад ва раванди ташаккули иқтидори кадрӣ низ дар шароити муосир тағйир ёфтааст. Аз ҷониби муаллиф раванди меҳнат дар корхонаҳои савдо бо хусусиятҳои дуҷониба доштан, идомаи раванди истеҳсолот дар соҳаи муомилот алоқаманд будан, якранг ва айни замон фишори зиёди асабӣ ва ҷисмонӣ доштан, таъсири назарраси омилҳои эҳтимолӣ ва шиддатнокӣ ба он ва натиҷаи ниҳоии меҳнат на маҳсулот, балки хизматрасонӣ будан тавсиф дода шудааст (расми 3)(с.34).

Дар асоси амалӣ намудани таҳлили вазъи савдои чакана ва таъмини кадрии он, тамоюлҳо ва хусусиятҳои хоси рушди он дар шароити муосир муайян карда шудаанд. Дар натиҷаи гузаронидани таҳлил муаллиф муқаррар намудааст, ки новобаста аз тамоюлҳои мусбат дар соҳаи савдои чакана ва таъмини кадрии он мушкилоту проблемаҳо ҷой доранд, ки ба сатҳу сифати хизматрасонӣ ба харидорон таъсири манфӣ мерасонад (с.56).

Такмили ихтисос барои ҳар як корманди соҳаи савдо, ба хусус савдои чакана хеле муҳим аст. Муаллиф қайд кардааст, ки тибқи маълумоти омории ҷадвали 2.4. соли 2020 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 161 нафар корманди соҳаи савдо аз такмили ихтисос гузаштааст, ки ин нишондиҳанда воқеан нигароникунанда мебошад. Ҳол он ки тибқи қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ корманди савдо бояд дар 3 сол як маротиба аз ҳисоби маблағҳои кордиҳанда аз такмили ихтисос гузарад(с.65).

Тавре маълум аст, яке аз воситаҳои муайянкунанда, баҳодиҳӣ ва таҳлилу натиҷагирӣ гузаронидани пурсишнома ё назарсанҷӣ мебошад. Дар диссертатсия дар асоси пурсишномаи роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана ва коршиносони соҳа ҳамчунин омилҳои ба низоми таъмини кадрии савдои чакана таъсиррасон ошкор гардидаанд. Ба таври анъанавӣ ҳамаи омилҳо ба омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ гурӯҳбандӣ карда шудаанд (с.77).

Ҳамзамон зимни идомаи таҳқиқот самтҳои асосии рушди савдои чакана ва низоми таъмини кадриро аз нигоҳи илмӣ тавсия ва асоснок карда шудааст (с.97-119).

Тавсияҳо оид ба такмили низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳои савдои чакана дар асоси рушди салоҳиятҳои рақамӣ пешниҳод шудаанд. Ба андешаи муаллиф, ки дар ҷумҳурӣ зарурати воқеии ташаккули низоми тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кормандони соҳаи савдо, бахусус зернизоми чаканаи он ба миён омадааст. Бо ин мақсад дар диссертатсия амалӣ намудани самтҳои асосии он пешниҳод ва асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин асоснок шудааст, ки кормандони соҳаи савдои чакана дар шароити муосир дорои салоҳиятҳои рақамӣ бошанд, рушди ин соҳаи муҳимми иқтисоди миллиро бе татбиқи технологияҳои рақамию инноватсионӣ тасаввур кардан мушкил аст. Пешниҳод шудааст, ки зимни омодакунии мутахассисон бояд диққати махсус ба ташкил ва рушди салоҳияти рақамӣ дода шавад, ки он татбиқи фаъолияти касбиро дар самти идоракунии корхонаҳои савдо таъмин менамояд (с.135).

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Дар диссертатсия  мақсади асосии таҳқиқот аз омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккули низоми таъмини кадрии савдои чакана ва таҳияи тавсияҳо барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи он дар шароити

иқтисоди бозорӣ иборат мебошад, ки он дар таъмини рушди низоми идоракунии самараноки савдои чакана таъсиргузор бошад.

Аз ин ҷост, ки муаллиф барои ҳалли ҳадафи мазкур ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ, ба монанди усули системавию таркибӣ, сабабу натиҷа, абстраксияи илмӣ, таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, усули омӯзиши омилҳо, экспертию таҳлилӣ, иқтисодию риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғайра истифода шудаанд, ки асоснокӣ ва муътамад будани хулосаю натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намудаанд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии тақризшаванда барои мушаххас намудан ва инкишофи назарияи неъматҳои ҷамъиятӣ, пурра гардидани дониш дар бораи иқтисодиёти бахши давлатӣ дар пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ мусоидат хоҳад кард. Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккули низоми муассири идоракунии бахши давлатии хизматрасониҳои иҷтимоии минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии тақризшаванда барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани раванди идоракунии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар савдои чаканаи шароити муосир истифода шаванд. Натиҷаҳои бадастовардаи таҳқиқоти илмиро барои ташаккули низоми муассири идоракунии бахши савдои чаканаи минтақаҳои ҷумҳурӣ истифода бурдан мумкин аст.

Усулҳо ва амсилаи пешниҳодкардаи муаллифи диссертатсияро дар фаъолияти субъектҳои савдои чакана барои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ истифода бурдан мумкин аст.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Тавре аз таҳлили маълумоти пешниҳодгардида бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (3 мақола дар алоҳидагӣ) ва 8 мақолаи илмӣ дар конференсияҳо нашр шудаанд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгуй мебошад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

Бояд қайд кард, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровarда шудааст ва бо забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро шудааст.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Қайд намудан ба маврид аст, ки савдои чакана яке аз муҳимтарин муносибаҳои меҳнатиро дар шароити иқтисодиёти рақамӣ таҷассум менамояд. Ба фикри мо омӯзиши хусусиятҳои савдои чаканаро дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ арзишмадии диссертатсияро пурра менамуд.

2. Дар диссертатсия муаллиф чунин андешаро пайгир аст,ки дар шароити муосир дар самти таъмини кадрии соҳаи савдои чакана мушкилоти зиёд ҷой дорад. Мушкилотҳо хеле хуб номбар карда шудааст, аммо роҳҳои бартараф ё ҳалли онҳо мушаххас нишон дода нашудааст.

3. Муаллиф пурсишномаро ба таври зарурӣ натиҷагирӣ намудааст. Аммо тавсияву хулосаҳои он дар амал пурра тавзеҳ дода нашудааст.

4. Дар диссертатсия таҷрибаи кишварҳои хориҷа ба маврид баррасӣ гардидааст, ба мақсад мувофиқ мебуд агар он дар шакли ягон механизм ва таҳлили қиёсии таъминоти кадрӣ нишон дода мешуд.

5. Дар қисмати хулосаву тавсияҳо баъзе нуқтаҳои назар ва андешаҳои муаллиф баҳсталаб мебошанд.

Бар замми ин, эроду тавсияҳои зикршуда ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқоти минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Пас аз баррасии диссертатсияи Кабутов Қурбоналӣ Мирзоевич дар мавзӯи «Таъмини кадрии рушди савдои чакана дар шароити иқтисоди бозорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мо ба хулосае омадем, ки он кори илмию тахассусии баитмомрасида буда, ҷавобгӯй ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи милли Тоҷикистон Ҳодиев Д.А.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 17.
Тел.: (+ 992) 935017051; e-mail: mfahim@mail.ru

Имзои / подпись Ҳодиев Д.А.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.
15.08.2023

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ